**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи "Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Хоруғ, 2026. – 199 с.**

Аз нимаи дуюми асри XIX то имрӯз таҳқиқи зиндагиномаи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома"-и безаволи ӯ ривоҷи чашмгире дорад. Таҳқиқи ҳаёту мероси ин ҳамосасарои маъруф дар Эрон аз охирҳои асри XIX оғоз ёфт. Олимони машҳури эронӣ, аз қабили Саид Ҳасани Тақизода, Муҳаммади Қазвинӣ, Муҳаммадали Форуғӣ, Маликулшуаро Баҳор, Забеҳулло Сафо, Муҳаммад Муъин, Ҷалол Холиқ Мутлақ, Муҷтабо Минавӣ, Алиризо Шопури Шаҳбозӣ, Муҳаммадамини Риёҳӣ ва дигарон дар мақолаҳои илмии худ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ ақидаҳои тозаю ҷолиб баён намуда, дар адабиётшиносӣ равияи нави шоҳномашиносиро бунёд гузоштанд. Аз аввали асри XX як зумра адабиётшиносони русу тоҷик ба таҳқиқу омӯзиши "Шоҳнома" пардохтанд. Олимони машҳури рус ва шуравӣ, аз қабили И. С. Брагинский, Е.Э.Бертелс, А. М. Беленитский, М. М. Дяконов, А. Н. Болдирев, М. Н. Османов, А. А. Стариков, инчунин олимони тоҷик Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Назрулло Бектош, Сотим Улуғзода, Мирзо Муллоаҳмадов, Худоӣ Шарифов, Абдухолиқ Набавӣ ва дигарон ба зумраи чунин олимон дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти шоир ва "Шоҳнома"-и безаволи ӯро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Бо вуҷуди ин, нақши фирдавсишиносӣ дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик, бахусус дар замони шуравӣ, дар доираи таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи раванди ташаккул ва рушди фирдавсишиносӣ, муайян намудани ҷойгоҳу нақши

он дар рушди афкори адабӣ ва маънавии ҷомеаи тоҷик дар замони шуравӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Бо дарназардошти ин, баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур дар доираи диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дорои аҳаммияти илмӣ буда, ба пурра намудани як ҷанбаи муҳимми таърихи адабиётшиносии тоҷик мусоидат менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ муайян гардидааст.

**Навгонии илмии** диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар он ифода меёбад, ки фирдавсишиносӣ ҳамчун самти мустақили адабиётшиносии тоҷик дар даврони шуравӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи "Шоҳнома" равона гардидааст, ба таври ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Навгонии дигари таҳқиқ дар муайян намудани хусусиятҳои хоси фирдавсишиносӣ ва нақши он дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик дар солҳои 50–80-уми асри XX зоҳир мегардад. Довталаби дараҷаи илмӣ бо фарогирии доираи васеи маводи илмӣ, адабӣ ва осори тарҷумашуда равандҳои асосии рушди фирдавсишиносиро таҳлил намуда, дар заминаи таҳқиқи маводи мавҷуда ба як қатор хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳ расидааст.

Одиназода Сафармоҳ Нурулло барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро дар 4 банд манзур намудааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия иртиботи мустақим дошта, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдодаи диссертантро инъикос менамоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи диссертант барои омӯзишу баррасии масъалаҳои назариявию амалии адабиёти форсии тоҷикӣ ва адабиёти муосири тоҷик, инчунин таҳқиқи ҷойгоҳу мақоми Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар адабиётшиносии тоҷик судманд мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар шинохти равандҳои ташаккул ва такомули афкори адабӣ, масъалаҳои инсондӯстӣ, башардӯстӣ ва ҳувияти миллӣ маводи арзишманд фароҳам оварда, на танҳо ба тавсеаи доираи таҳқиқоти фирдавсишиносӣ мусоидат намоянд, балки барои омӯзиши минбаъдаи ҷойгоҳи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар ташаккули афкори адабии тоҷик заминаи муносиб фароҳам оваранд.

Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло аз муқаддима, се боб, фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва нашри таълифоти илмӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия «**Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рушди фирдавсишиносӣ (солҳои 50–80-уми асри XX)**» ном дошта, аз ду фасл ва зерфаслҳои алоҳида иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф ба масъалаи заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ташаккулу рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш кардааст, ки ҷойгоҳ ва нақши ин самти адабиётшиносиро дар ташаккули афкори адабии тоҷик муайян намояд.

Диссертант дар фасли аввали боби якум таҳти унвони "**Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик (дар асоси фирдавсишиносӣ)**" бо такя ба маводи илмӣ ва адабӣ

марҳилаҳои ташаккули фирдавсишиносиро муайян намуда, солҳои 30-40-уми асри XX-ро ҳамчун марҳилаи нахустин ва солҳои 50–80-уми асри XX-ро ҳамчун марҳилаи дуюми рушди он ҷудо менамояд. Довталаби дараҷаи илмӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳои идеологии давр, осори Фирдавсӣ, бахусус «Шоҳнома», дар муҳити илмӣ ва адабии Тоҷикистон мавқеи назаррас доштааст. Дар ин замина, ба масъалаи тағйирот дар баъзе нашрҳои шуравии «Шоҳнома» ва муносибати муҳаққиқон ба ҷанбаҳои таърихӣ, миллӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстонаи асар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Фасли дуюми боби якум **«Рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX)»** ном дошта, дар он масъалаҳои нашри «Шоҳнома», саҳми муҳаққиқон ва адабиётшиносон, инчунин нақши мутарҷимон дар густариши фирдавсишиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз муҳтавои фасл бармеояд, ки муаллиф рушди фирдавсишиносиро на танҳо дар доираи таҳқиқоти илмӣ, балки дар робита бо нашр, тарҷума ва интишори мероси Абулқосим Фирдавсӣ низ баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия аз ҷиҳати фарогирии маводи илмӣ, муайян намудани заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангии рушди фирдавсишиносӣ ва баррасии нақши нашр, таҳқиқу тарҷумаи «Шоҳнома» дар солҳои 50–80-уми асри XX дорои аҳаммияти назаррас буда, барои дарки равандҳои ташаккули фирдавсишиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик заминаи муносиб фароҳам овардааст.

Боби дуюми рисола **«Фирдавсишиносӣ ва адабиёти муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** унвон дошта, истифодаи афкори Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар асарҳои манзум ва мансури замони шуравии тоҷикро нишон медиҳад ва аз се фасл иборат аст.

Фасли якуми боби дуюм **«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** унвон дошта, ба таъсирпазирии насри тоҷик аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ

бахшида шудааст. Диссертант дар ин қисмати таҳқиқ масъалаи истифодаи афкору андешаҳо, образҳо, абёт ва ғояҳои асари ҳамосии Фирдавсиро дар эҷодиёти як қатор нависандагони тоҷик, аз ҷумла Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷае мерасад, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар насри тоҷик танҳо ҳамчун ёдгории адабии гузашта ҳузур надошта, балки дар баъзе асарҳои нависандагони давраи шуравӣ ҳамчун воситаи ифодаи ғояҳои ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, адолат ва ҳимояи арзишҳои маънавӣ истифода шудааст.

Фасли дуюми боби дуюм **«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва назми муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** унвон дорад. Диссертант дар ин қисмати таҳқиқ ба эҷодиёти як қатор шоирони маъруфи давраи шуравӣ, аз ҷумла Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш кардааст, ки нақши мероси Абулқосим Фирдавсиро дар ташаккули баъзе ҷанбаҳои назми тоҷик муайян намояд.

Фасли сеюми боби дуюм таҳти унвони **«Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50–80-уми асри XX)»** ба масъалаи пайванди суннатҳои адабиёти классикӣ бо равандҳои нави адабии давраи шуравӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмати таҳқиқ масъалаи эҳёи анъанаҳои адабиёти классикӣ, бахусус “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ва бозтоби он дар эҷодиёти шоирону нависандагони тоҷик дар шароити иҷтимоию фарҳангии солҳои 50–80-уми асри XX мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Боби сеюми рисола таҳти унвони **«Таъсири ғояҳои меҳварии “Шоҳнома” дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик (солҳои 50–80-уми асри XX)»** ном дорад. Диссертант дар ин боб кӯшиш намудааст, ки

вижагиҳои ғоявию бадеии «Шоҳнома» ва нақши онҳоро дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик дар давраи мавриди таҳқиқ муайян намояд.

Фасли якуми боби сеюм **«Вижагиҳои ғоявии “Шоҳнома” дар ташаккули афкори адабии тоҷик»** ном дошта, дар он масъалаҳои муҳимми ғоявию маънавии асар, аз ҷумла хирадмандӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ, донишомӯзӣ, ватандӯстӣ, дӯстиву бародарӣ ва ҳувияти миллӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Диссертант барои тақвияти андешаҳои худ ба осори як қатор муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ такя намуда, мақоми «Шоҳнома»-ро ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърих, забон, адабиёт ва фарҳанги мардумони форсизабон нишон медиҳад.

Фасли дуюми боби сеюм таҳти унвони **«Ҷойгоҳи масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50–80-уми асри XX)»** ном дорад. Диссертант кӯшиш намудааст, ки худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ, ватандӯстӣ ва инсонсолориро дар асоси “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ таҳлил намуда, аҳаммияти онҳоро барои адабиёти давраи мавриди таҳқиқ нишон диҳад. Ҳамчунин, ӯ масъалаи худшиносии миллиро аз ватандӯстӣ ва инсонгароӣ ҷудо накарда, онҳоро дар иртиботи маънавию ғоявӣ баррасӣ менамояд.

Фасли сеюми боби сеюм таҳти унвони **«Дурнамои рушди фирдавсишиносӣ ва таъсири он дар ташаккули афкори адабии тоҷик»** унвон гирифтааст. Диссертант дар ин фасл кӯшиш намудааст, ки самтҳои асосии рушди фирдавсишиносӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар замони шуравӣ ва дурнамои минбаъдаи омӯзиши ҳаёт ва осори Фирдавсиро муайян намояд. Ҳамчунин, суннати фирдавсишиносӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ низ аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, нашри «Шоҳнома» ва баргузории озмуни «Шоҳномахонӣ» дар густариши шинохти Абулқосим Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ дар ҷомеаи имрӯз нақши муассир дорад. Бо ин назардошт довталаби дараҷаи илмӣ оид ба ин масъала ва пайванди мантиқии фирдавсишиносии давраи

шуравӣ бо марҳилаи минбаъдаи рушди он андешаҳои равшан баён намудааст.

Хулосаи рисолаи илмӣ низ муҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертант дар ҳаҷми 13 банд тавонистааст, ки ба таври муъҷаз нуктаҳои асосии таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ намояд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва фишурдаи он ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ адабиёти заруриро ба таври васеъ ҷамъоварӣ, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Қобили зикр аст, ки забони рисола салису равон буда, талаботи услуби илмӣ дар он ба таври зарурӣ риоя гардидааст. Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар диссертатсияи мазкур баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба тақвияти ҷанбаи илмӣ ва боз ҳам беҳтар гардидани сифати рисолаи илмӣ мусоидат хоҳад кард. Чунончи:

1. Муаллифи диссертатсия марҳилаҳои рушди фирдавсишиносиро ба чанд давра ҷудо кардааст, вале меъёрҳои чунин марҳилабандиро ба таври возеҳ шарҳ надодааст. Агар хусусиятҳои фарққунандаи ҳар як марҳила мушаххастар нишон дода мешуд, таснифоти пешниҳодшуда равшантар мегардид (диссертатсия, с. 16–17).

2. Масъалаҳои инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, дӯстии халқҳо ва арзишҳои ахлоқии «Шоҳнома» дар баъзе қисматҳо бо мазмуни ба ҳам наздик такрор шудаанд. Ихтисор намудани чунин андешаҳои такрорӣ ва бештар нишон додани дастовардҳои мушаххаси фирдавсишиносӣ метавонист ба таҳкими ҷанбаи илмии рисола мусоидат намояд (диссертатсия, с. 30–34).

3. Бо вуҷуди фарогирии доираи васеи муҳаққиқон, дар баъзе мавридҳо саҳми мушаххаси онҳо дар рушди фирдавсишиносӣ бештар ба шакли тавсифӣ баён гардидааст (диссертатсия, с. 22–23).

4. Қисмати марбут ба иштибоҳҳои ҳангоми баргардонидани матн аз хатти арабиасос ба кириллӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст, аммо баъзе шарҳҳо бештар хусусияти умумии забоншиносӣ доранд. Агар ин мисолҳо

мустақиман бо масъалаи тасҳеҳи матни «Шоҳнома» ва таъсири онҳо ба рушди матншиносӣ пайваст карда мешуданд, мақсади таҳлил равшантар мегардид (диссертатсия, с. 43–44).

5. Муаллиф дар мавриди «Фарҳанги «Шоҳнома» ва «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» маълумоти қолиб пешниҳод кардааст. Бо вуҷуди ин, фарқият ва аҳаммияти илмии ин ду манбаъ ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст. Агар хусусият ва нақши ҳар кадоми онҳо дар омӯзиши забон ва мазмуни «Шоҳнома» мушаххастар нишон дода мешуд, ин бахш боз ҳам мукаммалтар мегардид (диссертатсия, с. 44–46).

6. Дар мавриди романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ муаллиф ба монандии тасвирҳои ҷангӣ ва корбурди баъзе вожаҳо бо «Шоҳнома» ишора намудааст, вале агар масъалаи тағйири воситаҳои тасвири ҷанг аз муҳити қаҳрамонии «Шоҳнома» ба воқеияти ҷанги асри XX низ мавриди муқоиса қарор мегирифт, хусусияти таъсирпазирии эҷодии нависанда равшантар мегардид (диссертатсия, с. 88–89).

7. Дар диссертатсия масъалаи таъсири ғояҳои ватандӯстӣ ва худшиносии миллии «Шоҳнома» ба афкори адабии тоҷик мавқеи муҳим дорад ва муаллиф барои асоснок намудани андешаҳои худ аз маводи фаровон истифода кардааст (диссертатсия, с. 157–169). Бо вуҷуди ин, хубтар мешуд, ки таҳаввули маънoии мафҳумҳои Ватан, миллат, марзу бум ва худшиносӣ аз «Шоҳнома» то адабиёти солҳои 50-80-уми асри XX бештар мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор мегирифт. Чунин баррасӣ хусусияти таърихию адабии таъсири ғояҳои Абулқосим Фирдавсиро ба афкори адабии тоҷик равшантар нишон медод.

8. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ, ва риоя нагардидани аломатҳои китобат ба назар мерасанд (диссертатсия, с. 157, 159, 161, 162, 168, 169).

Эрод ва камбудиҳое, ки зикр шуданд, хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссератaтсияро кам намекунанд ва ба муҳтавои он таъсири манфии зиёд намерасонанд. Бинобар ин, диссертатсияи

Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи “Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)” таҳқиқоти анҷомёфта аст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Одиназода Сафармоҳ Нурулло муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи “Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**


номзади илми филология, досенти
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур Зебарниё Муллоаҳмадшоҳ Ҷурғосӣ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146
Тел: (+992) 936015901
E-mail: ahmadshoh@internet.ru


Имзои М.Ҷ. Зебарниёро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
МДТ “Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур” Қурбонзода Аваз Хол


Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел.: (+992) 37-224-72-07
E-mail: rectortau@mail.ru


20.08.2026